«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои биологӣ, профессор
___________________ Давлатзода С.Х.
29 апрели соли 2021

**Х У Л О С А И**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Рисола дар мавзӯи «Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот» дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи таълифи рисола ва то ҳоло унвонҷӯ Бобоева Гулбаҳор Шарифовна ба ҳайси омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Ӯ соли 1988 факултети педагогика ва методикаи таълими ибтидоии филиали Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко дар ш.Қӯрғонтеппаро бо ихтисоси «Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ» хатм кардааст.

Гувоҳинома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (№ 678 – соли 2020) дар ДДБ ба номи Носири Хусрав мавҷуд мебошад.

Роҳбари илмӣ - Абдураҳимзода Қудратулло Саид, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психология ДДБ мебошад.

Мутобиқ ба натиҷаҳои муҳокима хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ пурра ба низоми кредитии таҳсилот гузаштанд.

Хусусияти фарқкунандаи низоми кредитии таҳсилот дар он зоҳир мегардад, ки вай ба азхудкунии амиқи донишҳои гирифташуда ва рушди унсурҳои эҷодӣ дар фаъолияти донишҷӯён равона мегардад. Низоми кредитии таҳсилот ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳайати профессорону омӯзгорон ва хусусан донишҷӯён мустақилияти бештаре дод. Дар натиҷа муносибат ба таълими фанҳо тағйир ёфт, самаранокии азхудкунии донишҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути дар донишҷӯён инкишоф додани малакаҳои корҳои мустақилона баланд шуд. Ин ба

донишҷӯён имкон дод, ки дар омӯзиши фанҳои муҳимму зарур аз нуқтаи назари тахассуси оянда мустақилият зоҳир намоянд.

Ҳангоми гузариш ба низоми кредитии таҳсилот яке аз вазифаҳои муҳим ҳалли масоили ташаккули салоҳияти касбӣ ба шумор меравад. Таҳқиқоти диссертант ба мавзӯи ташаккули салоҳияти касбӣ, аз ҷумла салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар машғулиятҳои силсилаи фанҳои педагогии низоми кредитии таҳсилот бахшида шудааст.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Иштироки шахсии диссертант дар ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола дарҷ гашта:

Саҳми муаллиф, дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ масъалаҳои вазъи имрӯзаи масоили омодагии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар назария ва амалияи илми педагогика, салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятҳои умумикасбии омӯзгорони оянда , сохтор ва мундариҷаи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар низоми кредитии таҳсилотро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Тасвияи фарзия, муайян намудани вазифаҳои таҳқиқот, коркарди мавод барои гузаронидани озмоиши педагогӣ, иштироки бевосита дар татбиқи таҷрибавии технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён, ҷамъбасту хулосабарориҳои мустақим аз натиҷаҳои кори озмоишӣ ва тафсири илмии ин натиҷаҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

**Навоварии илмӣ дар он ифода меёбад, ки:**

- доир ба масъалаи мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён ҳангоми машғулиятҳои силсилаи фанҳои педагогӣ таҳқиқоти махсус гузаронида шуд;
- мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда муайян гардида, нишондодҳо ва тавсифи мундариҷаи салоҳияти иттилоотӣ, сохтор ва мазмуни малакаҳои кори донишҷӯён бо иттилооти таълимӣ ошкор ва асоснок гардид;
- сохтори маҷмӯи таълимию методӣ аз рӯйи фан, бо назардошти усулу шаклҳои кор бо маводи иттилоотии таълимӣ аз нуқтаи назари ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён таҳия гардид;
- мазмун ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар синфхонаи донишҷӯёни равияҳои педагогӣ асоснок карда шуд;

- технологияи самараноки ташаккули малакаҳои донишҷӯён дар кор бо маводи иттилоотии таълимӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар коркарди маҷмӯи шартҳои ташкили муҳити таълимӣ оид ба ташаккули малакаҳои донишҷӯён дар кор бо иттилоот дар шароити технологияи кредитии таҳсилот, ошкор ва асоснок кардани шаклу методҳои самараноки кор бо маводи иттилоотӣ дар ҷараёни таълим ва асосноккунии назариявии шаклу намудҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо мазмуни таълимӣ ба мақсади ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ифода меёбанд.

**Арзиши амалии кор** дар он аст, ки натиҷаҳои он ба ворид намудани мундариҷа ва технологияи кори донишҷӯён бо иттилооти таълимию методӣ имконият медиҳад, ки ба ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда мусоидат хоҳад кард.

**Саҳеҳияти натиҷаҳои тадқиқот.** Қоидаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар рисола тасвият ёфтаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ-психологӣ асоснок карда мешаванд, ба методҳои назариявӣ ва эмпирии таҳқиқот такя мекунанд. Онҳо инчунин бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии кори муаллифи рисола тасдиқ карда шудаанд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар 22 адад мақола бо ҳаҷми 6 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 4 дастури методӣ 8 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашриёҳои шомили феҳрасти тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақолаи дигар дар нашриёҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Корҳои илмии нисбатан муҳим доир ба мавзӯи рисола:

[1-М] Бобоева Г.Ш., Абдураҳимов Қ.С.Аҳамият ва тарзи ташкили дарси КМРУ дар низоми таҳсилоти кредитӣ /Бобоева Г.Ш.,Абдураҳимов Қ.С. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон [Матн]– Душанбе, 2012. №1 (44). – С. 321-326.

[2-М] Бобоева Г.Ш.Мундариҷа ва сохтори фаъолияти педагогии омӯзгор дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ /Бобоева Г.Ш. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. №3/8 (182). – С. 200-209.

[3-М] Бобоева Г.Ш.Вазъияти омодагии омӯзгорон дар раванди таҳсилоти кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Бобоева Г.Ш. //Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. №5 (66). – С. 21-26.

[4-М] Бобоева Г.Ш.Татбиқи амалии ташаккули салоҳияти ахборотии донишҷӯён дар низоми таҳсилоти кредитии донишгоҳи

омӯзгорӣ /Бобоева Г.Ш.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. №3/11 (188). – С. 282-286.

[5-М] Бобоева Г.Ш., Гулов А.С. Ташаккули салоҳиятнокии ахборотӣ дар низоми салоҳиятнокиҳои умумикасбии муаллимони оянда тавассути методҳои интерактивӣ /Бобоева Г.Ш., Гулов А.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2017. – С. 60-67.

[6-М] Бобоева Г.Ш.,Гулов А.С. Инъикоси салоҳият дар таҳлилу арзёбии машғулиятҳои низоми таҳсилоти кредитӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2017. №1/4 (49). – С. 109-112.

[7-М] Бобоева Г.Ш. Таҳлил ва таҷдиди барномаҳои таълимии мактабҳои олии педагогӣ оид ба ташаккули салоҳияти ахборотӣ /Бобоева Г.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2018. №1/3 (55). – С. 106-111.

[8-М] Бобоева Г.Ш. Натиҷаҳои пажӯҳиш таҳқиқот оид ба ташаккули салоҳияти иттилооти омӯзгорони оянда / Бобоева Г.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №1/4 (68). [Матн]. – Бохтар, 2019. – С. 98-101.

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Соҳаи таҳқиқоти диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ( илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад;

Банди 4 – Назария ва консепсияҳои таҳсилот (технологияҳои таълимӣ; консепсияҳои рушди таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълимӣ).

Банди 6 – Консепсияҳои таҳсилот (равандҳои инноватсионӣ дар таълим)

Банди 7 – Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот)

Шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, ки бандҳои зеринро дар бар мегирад:

Банди 3 – такмили сохтори омодагӣ ва бозомӯзии касбӣ дар шароити таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ.

Банди 5 – рушди метод, шакл, восита, методика ва технологияҳои омодагии касбии мутахассисон.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 21 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор «21», бетараф, зид нест, №8 аз 29.04.2021 с.

Раиси маҷлиси кафедра,
дотсенти кафедраи педагогика
ва психологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав
номзади илмҳои педагогӣ — Қурбонов Ф. А.

Котиби ҷаласа: — Азизова П. У.

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикситон, ш.Бохтар, к. Айни, 67
Тел.: (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53
e-mail: btsu78@mail.ru

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ. А.

29. 04. 2021 сол.